## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус). - шаҳри Душанбе, 2026 с. 193 с.

**1.Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус, аз он ҷумла, ба *банди 4.1.* – Илм дар бораи ихтилоли нутқ, усулҳои пешгирии вайроншавии нутқ, муайян кардан ва бартараф кардани онҳо тавассути таълиму тарбияи махсус; *банди 4.2.* – Сабабҳо, механизмҳо, аломатҳо, сохтори вайроншавии нутқ; системаи корҳои ислоҳӣ; таҳияи системаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки таълим, ислоҳ ва пешгирии ихтилоли нутқ мувофиқ мебошад.

**2.Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Солҳои охир дар низоми таълиму тадриси маорифи кишвар роҳандозиҳои навин ба миён омада, дар назди кормандони соҳаи маориф вазифа мегузорад, ки дар таълим ва тарбияи кӯдакону наврасон роҳу усулҳои муосирро мавриди истифода қарор диҳанд. Маълум аст, ки давраи томактабӣ давраи хеле муҳим дар ташаккулёбии шахсияти инсон аст. Ин давра дар илми равоншиносӣ бо номи давраи сензитивии инкишоф, яъне давраи мувофиқ барои аз худ намудан ва инкишофёбӣ дониста шудааст. Маҳз дар ин давра имконияти ислоҳ ва маҳдуд намудани ноқисиҳои инкишофи ақлию ҷисмонӣ вуҷуд доранд, ки мушкилоти рушди кӯдак вобаста ба синну сол бартараф хоҳад шуд.

Муҳаққиқ дар рисолаи илмӣ зери унвони «Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» мубрамияти таҳқиқи масъалаи мазкурро бо он асоснок менамояд, ки дар илми муосир исбот гардидааст, ки аксарияти нафарони мубтало ба нуқсони нутқӣ маҳз кӯдакон ба шумор мераванд. Ин ҳолат аз назари олимони соҳаи педагогикаи коррексионӣ яке аз масъалаҳои муҳим дониста мешавад.

Бояд зикр кард, ки бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ду марҳила қабул гардидани Консепсияи миллии таҳсилоти инклюзивӣ (фарогир) дар Тоҷикистон (2011,2024) такмили забономӯзии

насли наврас ва таҳкимбахшии системаи маорифро таъмин намуданд.Консепсияи мазкур имкон дод, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, нокисиҳои гуногундошта барои гирифтани таҳсили босифат шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Аз ҷониби дигар, амалия нишон медиҳад, ки бе тадкиқоти илмии муайянкунандаи сабабҳои нуқсонҳои нуткӣ, асоснок кардан ва ҷорӣ намудани усулҳои бартараф намудани онҳо дар кори логопедӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, мубрамияти дарки зарурияти ин масъала дар он ифода меёбад, ки маҳз нуқсони нуткӣ боиси зуҳури мушкилот дар ифодаи сухан, баёни равшании фикр, барқарории муоширати баробар бо дигарон мегардад, ки дар ниҳоят камолоти инсонро халалдор месозад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи рисола басо муҳим буда, муҳаққиқ дар соҳаи таҳсилоти фарогир имконияти таъмини роҳу усулҳои навинро дар ташаккули дониш, маҳорату малакаи кӯдакони нуқсони нуткидоштаи синни томактабӣ таҳқиқ намудааст.Барномаи кориро бо ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бо истифода аз роҳу усулҳои навин дар таъмини муҳити омӯзишӣ мавриди кор бо кӯдакони нуқсони нуткидоштаи синни томактабӣ, таҳияву коркард намудааст.

**3.Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар таҳия ва татбиқи "Амсилаи педагогии таҳқиқу омузиши роҳҳои бартарфсозии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола дар ҳамкории МТТ ва оила" иборат мебошад, ки ҷанбаҳои зеринро дарбар мегирад:

- таъмини шароитҳои педагогии таҳқиқу омузиши кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар муассисаи таълимии томактабӣ коркард ва мавриди истифода қарор ёфтан.
- таҳия ва татбиқи маҷмӯи машқҳои логопедӣ, ки барои татбиқи босамари амсилаи таҳияшуда дар муҳити таҳсилоти фарогир имкон медиҳанд;
- роҳ, усул ва воситаҳои самарабахши таъсиррасонӣ ба кӯдакони дорои нуқсони нуткӣ бо истифода аз технологияҳои ёрирасон (барномаҳо, ёварҳои аудиовизуалӣ, овозӣ, маводи аёнӣ);
- татбиқ роҳҳои ислоҳи нуқсони нуткӣ ба воситаи технологияҳои педагогӣ.

**Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала оид ба бартарафсозии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола бо истифода аз ташхиси саривақтӣ ва банақшагирии корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакон;

- дар ҳамоҳангсозии фаъолияти байни мураббия ва логопед дар ташаккул додани ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқ, шунавоии фонематикӣ;
- дар омӯзиши дурусти пажӯҳиши назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои пажӯҳиш, истифодаи маҷмӯи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш;
- дар ташкилу баргузории пажӯҳиши озмоишӣ ва санҷиши Барномаи кории "Дуруст нутқ карданро меомӯзем», ки хусусиятҳои нуқсонҳои нутқии кӯдакон, малакаҳои нутқӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии кӯдаконро дар муҳити таҳсилоти фарогир таъмин менамояд;
- дар таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти корҳои озмоишӣ, татбиқи амсилаи "Амсилаи педагогии таҳқиқу омузиши роҳҳои бартарфсозии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола дар ҳамкории МТТ ва оила";
- дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада дар таҳияи диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта** дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажуҳиш така ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажуҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва гояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шудааст; баргузории корҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти томактабӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисолаи илмӣ таҷассум меёбад.

Таркиб ва сохтори рисола аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, манбаъ ва ҳадафи пажӯҳиш, фарзия ва марҳилаҳо, асоси назарӣ ва амалию усулу роҳҳои таҳқиқ собит месозанд, ки то кадом андоза мавзӯи таҳқиқшаванда ҳаллу фасл гардидаст. Пойгоҳҳои таҳқиқот, ки диссертант бевосита озмоиш гузаронидаанд аз он шаҳодат медиҳанд, ки рисола дар заминаи таҷриба ва собиқаи корӣ ба миён омадааст. Ин албатта, дастоварди хуби диссертант аст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф хамчун омӯзгори фанни логопедия, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Муқарраороти назариявии таҳқиқот

ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд. Рисолаи илмии мазкур муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулосаю тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаро дар бар мегирад. Ҳаҷми кор аз 190 саҳифа иборат буда, дар он 12 расм, 6 ҷадвал ва 4 диаграмма ҷой дода шудаанд.

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети тахқиқ, навигариҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда, муайян шудаанд.

**Дар боби якум «Таҳқиқи психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синну соли томактабӣ»** номгузорӣ гаштааст. **Аз ҷумла,** дар фасли якум **"Таҳлили психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқии кӯдакон дар адабиётҳои илмӣ-методӣ"** пешниҳод шудааст. Муҳаққиқ зимни омӯзиши адабиётҳои психологӣ ва педагогӣ қайд менамояд, ки тарбияи насли наврас дар замони имруза яке аз масъалаҳои муҳим дар маорифи кишвар маҳсуб ёфта, муҳимияти масъалаи мазкур дар бобати кӯдакони имконияташон маҳдуд, диққати бештарро талаб мекунад.

Аз ҷумла, ба андешаи муҳаққиқ Ҳасанзода Хуршед Раҷаб, масъалаи таълиму тарбияи кӯдакони синни хурди дорои нуқсонҳои нутқидошта, ҳамеша диққати таҳқиқотчиёнро ҷалб менамуд. Ҳанӯз логопедҳои машҳури интиҳои асри XIX ва ибтидои асри XX-и рус И.М.Сеченев, И.П.Павлов, А.Н.Соколов Н.М. Лаговский, Н.К. Патканова, Е.Г.Камишникова зарурияти барвақт оғоз намудани кӯмакиислоҳиро ба кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқидошта, махсус таъкид намуда буданд. Муҳаққиқ қайд намудааст, ки шаклҳои гуногун ва намудҳои зиёди ноқисии нутқ ва гуногунии имкониятҳои бартараф кардани онҳо дар кӯдакон водор месозанд, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ шароит муҳайё карда шавад, ки ба инкишофи ҳамаҷонибаи нутқи кӯдакон мусоидат намоянд.

Олимони ватанӣ Б.Маҷидова, Н.Юнусова, М.Дадабоева, Р.Рамазонова, З.Раҳмонов, Д.Раҳмонова, Ҷ.Ҳакимова, Т.Ҳақназаров, Д.Салямова масъалаи ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқро дар кӯдакону хонандагон ва баргузории корҳои ислоҳиро бо роҳу усулҳои босамар дар асарҳои илмиву методӣ, мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Аз ҷониби олимон таҳқиқ шудааст, ки гурӯҳи зиёди кӯдаконе мавҷуданд, ки норасоии забони онҳо чандон ҷиддӣ нест ва онҳо дар МТТ таълиму тарбия гирифта, оҳиста-оҳиста ислоҳ мешаванд. Чунин нуқсонҳои нутқ (норасоӣ дар талаффузи баъзе овозҳо,норавшан талаффуз кардан, лакнати сабуки забон), бояд ба таври фаврӣ бартараф карда шаванд,

набошад дар акси ҳол ба одат табдил меёбанд. Дар ин маврид аз педагог ҳушёрии бештар ва заҳмати сахттар талаб карда мешавад.

Зербоби дуюми боби якум "**Нутқ ва аҳамияти он. Сабабҳои ба вуҷуд омадани нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ**" унвон гирифтааст. Қайд мегардад, ки сабабҳои вайроншавии нутқ метавонанд гуногун бошанд. Ба рушди он метавонад ҳам омилҳои беруна ва ҳам омилҳои дохилӣ нақш бозад, ки дар он на танҳо фаҳмидани сабабҳои тағйиротҳои органикии системаи олии марказӣ ва периферӣ, функсионалии вайроншавии нутқ, балки фаҳмидани он ки чӣ гуна таъсири манфӣ ба организми кӯдак боиси вайроншави нутқ мегардад, муҳим аст.

Дар ин кор логопедҳо, яъне мутахассисоне, ки дар бартараф намудани ноқисиҳои нутқ тахассуси махсус доранд, бештар ҳисса мегузоранд. Масъалаи тарбияи кӯдаконе, ки ба нуқсонҳои нутқ гирифтор шудаанд ва роҳу усулҳои барҳам додани онҳо, мубраму зарур ҳисобида мешавад, зеро нутқи дуруст ва буррои кӯдак, шарти муҳими инкишофи умумӣ-психикии ӯ ба шумор меравад. Ҳар гуна норасоиҳо дар инкишофи нутқи кӯдакон ба қафомонии шахсият оварда мерасонад.

Қайд мегардад, ки агар кӯдак ҳам аз ҷиҳати фикрӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ, хуб инкишофёфта бошад, он гоҳ тадриҷан дар синни 4-5 солагӣ иллати нуқси забон худ аз худ аз байн меравад, чунки тавассути тақлид ба нутқи атрофиён, кӯдак талаффузи овозҳоро дуруст аз худ карда мегирад. Аммо аксаран дар амалия, кӯдакони синни 5-7 сола вомехуранд, ки нутқи онҳо ҳангоми талаффуз ба таври дағалона вайрон аст, ки ин ноқисӣ ба хислатҳои маъмулии синну солӣ мансубият надоранд ва таъсири манфӣ мерасонанд.

Баргузории корҳои ислоҳӣ ва пешгирикунандаи барвақтӣ бо кӯдакони дар гурӯҳҳои махсус қарордоштаи дорои нуқсонҳои нутқ дар зербоби 1.3. рисола "**Роҳу усулҳои баргузории корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакони синни томактабӣ**" оварда шудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ Ҳасанзода Х.Р. қайд менамояд, ки имрӯз методикаҳои махсуси таҳқиқи психологию педагогии кӯдакони дорои нуқсони нутқии синни барвақт ва томактабӣ коркард мегарданд. Ба андешаи мо, дар раванди кори ислоҳию педагогӣ бо кӯдакони синни барвақти томактабии нуқсони нутқдошта фарқиятҳои синнусолии онҳо бояд ба эътибор гирифта шаванд.

Муҳим аст, ки якчанд намуд корҳои комплексӣ оид ба рушди нутқи кӯдакон анҷом дода шавад. Дар мавриди баргузории корҳои ислоҳкунӣ "Амсилаи педагогии баргузории чорабиниҳои ислоҳкунӣ оиди бартарафсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола"-ро мураттаб коркард намуда, дар ҳамкорӣ бо МТТ ва падару модарон мавриди

санҷишу натиҷагирӣ қарор додааст. Волидон бояд дар кор бо кӯдаконе, ки хатари вайроншавии нутқ доранд, фаъолона иштирок кунанд. Ин ба онҳо кӯмак мекунад, ки беҳтар дарк кунанд, ки чӣ гуна вазифаҳои ҳиссиётҳои фарзандашонро инкишоф диҳанд ва ба рушди нутқ мусоидат намоянд. Мушоҳидаҳо нишон додаанд, ки дар оилаҳои зиёд, кӯдакон аз сабаби фаъолиятҳои якранги фароғатӣ ва набудани бозичаҳои фаъол ба қадри кофӣ нутқ намекунанд, ки боиси қафомонии инкишофи нутқии онҳо ва ба вуҷуд омадани нуқсонҳои нутқӣ мегардад.

**Боби дуюми диссертатсия «Шароитҳои педагогии баргузории корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакони синни томактабӣ»** унвон гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби мазкур “**Тавсифи корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ оид ба бартараф намудани нуқсонҳои нутқӣ дар шароити таҳсилоти фарогир**” ном дорад. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки таҳсилоти фарогир маҷмӯи чорабиниҳои таҳсилотиест, ки бо ҳуқуқҳои кӯдак барои маълумотгирӣ ва зиндагӣ асос ёфта, имконияти таълиму тарбия ва таҳсилот дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, аз он ҷумла дар кӯдакистонҳоро дар бар мегирад. Яке аз шароитҳои асосии муваффақиятҳои таҳсилоти фарогир ба салоҳияти касбии мураббия вобаста аст, ки ӯ метавонад таълиму тарбия ва инкишофи кӯдакони дорои нуқсони нутқ доштаро, таъмин намояд.

Муҳаққиқ бамаврид қайд менамояд, ки яке аз хусусиятҳои характерноки талаффузи кӯдакони нутқашон инкишофнаёфта, ба таркиби нутқашон вобаста. Лекин восита ва методҳои коркардашудаи роҳи ҳали бисёр мушкилотҳоро бо ин категорияи кӯдакон равшан намуда, роҳу воситаҳоро дастрас гардонид. Машқҳо барои рушд ёфтани мушакҳои содаи аппарати талаффузкунӣ, ки кӯдакро барои дуруст талаффуз намудани овозҳо омода менамояд, пешниҳод гардидааст.

Ташкили дурусти ҳаёти кӯдакон дар муҳити оила ва рушди ҳамаҷонибаи ӯ, нақши калидӣ мебозад. Муҳим аст, ки кӯдакро доимо зери назорат қарор дода, аз болои инкишофи нутқи ӯ ҳарчи бештар мушоҳида намоянд, зеро қобилияти дарки мушкилот дар фаҳмиш нутқ ва муошират, ифода меёбанд, ки ҳамчун унсури калидии баланд бардоштани салоҳияти педагогии волидон мебошад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм “**Воситаҳои ташаккули ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқи кӯдакон**” қайд намудааст, ки вайроншавии нутқро баъд аз 5 - солагӣ ҳамчун забонгирии сахти физиологӣ дида баромадан мумкин аст, ки он метавонад минбаъд устувор гардад. Аз ин ҷо бармеояд, ки то ин синну сол устуворгардии нуқсонҳои нутқ имконпазир аст. Барои ин, ҳар қадар пештар бо кӯдак машғулиятҳо гузаронем, ҳамон қадар камбудиҳои нутқӣ зуд ва осон бартараф карда

мешаванд.

Дар ин зербоб унвонҷӯ нишон додааст, ки сабаби асосии пурра инкишоф наёфтани ҷанбаи фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқи кӯдакон камии луғат, боздошти ташаккули сохтори грамматикии нутқ, талаффузи кӯтоҳ, омехтагии нутқ ва ғайра мебошад. Танҳо ҳангоми таҳқиқи махсус, камбудиҳои гуногуни анҷомаҳои ҳиссаҳои нутқро фаҳмидан мумкин аст. Бо кӯдакони дорои чунин мушкилот, аз аввали соли таҳсил, бо таҳқиқи инфиродии онҳо машғул шудан зарур аст.

**Дар боби сеюм "Таҳқиқи хусусиятҳои батарафсозии нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир»** муҳаққиқ Ҳасанзода Хуршед Раҷаб қайд менамояд, ки мақсади асосии тадқиқоти мазкур дар он мебошад, ки хусусиятҳои фаҳмидани нутқи кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта, кушода шавад. Бо гурӯҳи кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар асоси амсилаи таҳияшуда ва барномаи кории "Дуруст нутқ карданро меомӯзем» корҳои озмоишӣ дар се марҳилаи таҳқиқот гузаронида шуда, аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳҳои синну солӣ оид ба самараи татбиқи навгониҳо, мувофиқати маълумоти ба даст омада, бо фарзияи тадқиқот хулоса бароварда шудааст. Маълум гаштааст, ки дар тамоми кӯдакон шакли гуногуни душвориҳои характери ихтилолдошта, ба чашм мерасад. Натиҷаи санҷиш нишон медиҳад, ки бештар кӯдакон дар масъалаи талаффузи овоз, нафаскашии нодуруст, риоя накардани (интонатсия оҳанги талаффӯз) нақл карда додани матн, мушкилӣ мекашанд.

**Дар зербоби дуюм "Заминаҳои психологию педагогии ташкили озмоиши таҷрибавӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир"** омузиши психологӣ-педагогии кӯдак аз таҳқиқоти аввалини мушоҳидаҳо дар раванди корҳои логопедӣ ва назорати ҷамъбастӣ, оварда шудааст.

Дар ҷараёни машғулиятҳои логопедӣ аз методи мушоҳидаи таркиби ҳарфӣ ва овозии калимаҳо васеъ истифода шуда, аз болои ташаккулёбии муътадилӣ, пайдарҳамӣ, бомазмунии нутқ, корҳои ислоҳкунӣ баргузор гардидааст. Машғулиятҳои логопедӣ бо ин гурӯҳҳо дар ҳар як давра бояд аз шаш моҳ кам набошанд. Кори барқарор кардани талаффузи дурусти овозҳо, баъзан аз ҷадвал вақти иловагиро талаб мекунад. Дар ин ҳолатҳо мурраббияҳо ва падару модарони кӯдакон ба ин кор бояд ҷалб карда шаванд. Ҳангоми тарбияи нутқи дуруст, логопед бояд корҳои зиёдро анҷом диҳад. Аз ҷумла, захираи луғавии кӯдаконро бой намояд, то ки онҳо фикрҳои худро ҷо ба ҷо гузошта, мустақилона баён карда тавонанд.

Донистани ҳикоя ва бурро бо забони адабӣ нақл намудани мазмуни он, ба инкишофи нутқи кӯдак мусоидат карда, захираи луғавии онро бой мегардонад ва хотирааашро мустаҳкам менамояд. Аз ҳамин лиҳоз

мураббияро зарур аст ки вобаста ба синнусоли кӯдакон ҳикояҳоро интихоб намоянд. Инкишофи ҷисмонии муътадил, инкишофи системаи таҳрикию ҳаракатӣ, дар раванди таълим мавқеи муҳимро ишғол менамоянд.

Муҳаққиқ бо истифодабарӣ аз усули гуногуни ташхис натиҷаҳои муҳимро ба даст оавардааст. Алалхусус. таъкид карда шудаст, ки фаъолияти маҳдуди ҳаракатии кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни рушд метавонад ба нутқи ӯ таъсир расонад. Ба таври илова, дар раванди ташкили фаъолиятҳои эҷодӣ, аз ҷумла расмкашӣ, сохтани бозича, гулмонӣ, меҳнати дастӣ, ки барои алоқаманд гардидани нутқ ва амалҳо шароитҳои мусоидро таъмин менамоянд, ки ин бо кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ истифода шудааст. Яке аз шаклҳои он фаъолияти дастӣ мебошад: буридан ва ширеш кардани чизҳои начандон мураккаб аз коғаз ва картон,бофтани қолинчаҳо аз риштаҳои ранга ва сохтани ашёҳои ҳаҷмашон калон.

Мушоҳидаҳои докторант Ҳасанзода Х.Р. нишон додааст, ки барои кӯдак дар он маврид аз ҳама осон нутқ кардан мебошад, ки ӯ иҷрои амалро истифода намояд. Пас аз анҷоми расмкашӣ, меҳнати дастӣ кӯдак дуруст сухан мекунад, метавонад дар бораи чӣ кашидааст, зери назорати мураббия гап занад.

Таҳсилоти фарогир маҷмӯи чорабиниҳои таҳсилотиест, ки бо ҳуқуқҳои кӯдак барои маълумотгирӣ ва зиндагӣ асос ёфта, имконияти таълиму тарбия ва таҳсилот дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, аз он ҷумла дар кӯдакистонҳоро дар бар мегирад. Дар раванди фаъолияти якҷоя нутқ ва олами эмотсионалии худро ғанӣ мегардонанд. Ҳамсолон бо намунаи иҷрои амалҳо, гуфтору рафтор, имконият медиҳанд ки кӯдакони нутқашон нуқсон дошта, қоида ва меъёрҳои нутқи гуфтугуиро азхуд намоянд.

**Хулоса аз 16 банд иборат буда,** диссертант дар он таъкид менамояд, ки тарбияи насли наврас дар замони имруза яке аз масъалаҳои муҳим дар маорифи кишвар маҳсуб ёфта, муҳимияти масъалаи мазкур дар бобати кӯдакони имконияташон маҳдуд, диққати бештарро талаб мекунад.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** аз он иборат аст, ки масъалаи кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқдошта, аз ҷиҳати равонӣ ва педагогӣ ошкор ва аниқ гардида, аҳамияти он дар муҳити таълимии МТТ нишон дода шуд. Шароитҳои педагогии таҳқиқу омузиши кӯдакони нуқсони нутқдошта дар шароити муосир оварда шуда, робитаи психологӣ-педагогии муносибати комплексӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакон, татбиқ ёфт. Низоми метод ва равишҳои педагогӣ-психологӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои

нутқии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди таълим ва корҳои инфиродӣ таҳия ва ҷорӣ карда шуданд. Барномаи кории "Дуруст нутқ карданро меомӯзем" таҳия ва мавриди озмоиш қарор дода шуд. Тавсияҳо барои донишҷӯёни ихтисоси "Логопедия", ки докторант ба донишҷӯён таълим медиҳад, пешниҳод карда мешаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои баргузоршуда, мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ докторант мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар 4 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маорифи Россия тавсияшаванда шомилбуда, 9 мақола дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

5. **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба пуррагӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикост намудааст. Дар мақолаҳои илмии муаллиф низ муҳтавои диссертатсия инъикос ёфтааст.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд.

1. Муҳаққиқ масъалаи таҳқиқи хусусиятҳои психологӣ-педагогии кӯдакони синни томактабии нуқсонҳои нутқӣ доштаро ҳарчанд дар адабиётҳои педагогӣ, психологӣ, методӣ таҳлил карда бошад ҳам, барои мукаммалтар намудан ва илман асосноктар сохтани муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати психологӣ онро васеътар таҳлилу натиҷагирӣ мекард, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.
2. Натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам самараноктар мешуд, агар муаллиф бархе аз баргузории чорабиниҳои ислоҳкунӣ оид бартарафсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 соларо бо истифода аз роҳу усулҳои таъсиркунанда аз натиҷаи кор бо мутахассис-логопед муфассалтар пешниҳод менамуд.
3. Мувофиқи мақсад мебуд, агар дар қисмати мубрамияти рисола бо асосноккунии илмӣ - назариявӣ интихоби пойгоҳҳои таҳқиқотии

мавзуи мазкурро, ки муассисаҳои таълимии томактабии шаҳрҳои Душанбе ва Ваҳдатро дар бар мегиранд, баён мекарданд.

4. Дар матни фишурдаи кор ва рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзӯи «Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» , ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34, ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, к ибо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Юнусова Н.М.

15.05.2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Имсоили Сомонӣ, кӯчаи М. Холов, бинои 4, ҳуҷраи 30. Тел.: (+992) 907 97 48 07; E-mail: nafisa48@mail.ru.

Имзои Юнусова Н.М.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроғаи муассиса: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17, Тел.: (+992-37) 221 62 25; (+992-37) 227 15 10.
E-mail: info@tnu.tj;

15.05.2026